# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Усмониён Нигина Солиҳ дар мавзуи
**«Таъсири коркарди пеш аз кишти тухмӣ ба хусусиятҳои физиологӣ ва биохимиявии навъҳои соя (лӯбиёи чинӣ) дар шароити водии Ҳисор»**
барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор
аз рӯйи ихтисоси 6D060712 - Физиология ва биохимияи растаниҳо

Зироати соя – яке аз пурарзиштарин растаниҳои серсафедаи равғандиҳанда ба ҳисоб меравад. Аз ҷиҳати миқдор ва сифат таркиби ғизоии дони соя аҳаммиятнок буда, дар байни зироатҳои кишоварзӣ аз рӯйи таркиби маводҳои ғизоӣ ва аҳаммияти истеъмолӣ дошта, ба он ягон зироат баробар шуда наметавонад. Аҳаммияти муҳими ин зироат аз миқдори зиёд ва сифати баланди сафедаи таркиби дони он (40 - 45%) вобаста мебошад.

Хусусияти муҳими соя дар таркиби он зиёд будани миқдори сафеда ва равғани он ифода меёбад, ки ин омил имконияти истифодаи васеъи онро дар саноати хӯрокворӣ ва истеҳсоли хӯроки чорво фароҳам месозад. Маҳсулоти аз соя ё лӯбиёи чинӣ ҳосилшуда дар қатори дигар зироатҳои ғалладонагӣ ва лӯбиёгӣ ҳамчун манбаи арзишманди ғизоӣ шинохта шуда, дар таъмини амнияти озуқаворӣи ҷаҳон нақши муҳим доранд. Солҳои охир вобаста ба афзоиши истеҳсолоти кишоварзӣ ва пайдоиши гурӯҳҳои самтҳояшон мухталиф масъалаи зиёд намудани майдонҳои кишти лӯбиёгӣ, хусусан зироати соя ниҳоят муҳим гардидааст.

Кори диссертатсионӣ Усмониён Нигина Солиҳ бори нахуст исбот намуд, ки самаранокӣ ва танзимкунандагии пайвастагиҳои омӯхташаванда на танҳо аз консентратсияи онҳо, балки аз сохти кимиёвӣ ва радикалҳои таомулпазири онҳо вобаста аст.

Нишон дода шудааст, ки гурӯҳҳои фаъолияткунандаи танзимкунандагони рушди растанӣ ба равандҳои физиологию биокимиёвии дар заминаи рушду нумӯи майсаҳои соя қарордошта, таъсир мерасонанд. Маводи дар асоси танзимкунандагони рушди растанӣ - биостимуляторҳо муайян карда шудаанд, ки аз ҷиҳати фаъолнокӣ аз танзимкунандагони маъмулӣ камтар нестанд.

Корҳои диссертатсияи Усмониён Нигина Солиҳ дар натиҷаи таҳқиқотҳои лабораторӣ нишон дод, ки ҳангоми тар кардании тухми сояи навъи Чинӣ дар $R_{1-3}$ глицилопропан 2-ол тамоми консентратсияи санҷидашудаи ин препарат нисбат ба варианти назоратӣ - оби холис, нашъунамои тухмиро 24-25 % зиёд намудааст. Препарати $R_{2-3}$-синил-аланил-пропан-1.2-ол дар консентратсияи 0.1 ва 0.001% қобилияти сабзиши тухмиҳоро то 11-12 % зиёд намуд.

Нишондиҳандаи маҳсулнокии тозаи фотосинтез (МТФ) дар давраҳои гуногуни нашъунамои навъҳои соя ин нишон дод, ки дар варианти коркарди тухмӣ пеш аз кишт бо Препарати-1 нисабатан нишондиҳандаҳо устувор буданд. Миқдори пигментҳои фотосинтетикӣ дар барги навъҳои соя зери таъсири танзимкунандагони рушд ба таври назаррас тағйир наёфтанд. Дар давраи аввали нашъунамои навъҳои соя маҳсулнокии тозаи фотосинтез дар вариантҳои коркард шудани тухмӣ пеш аз кишт бо Препарати-1 дар соли 2020 ба ҳадди максималӣ расида, қимати он 5.2 г/м$^2$ х шабонарӯзро ташкил намуд. Дар давраи гулкунӣ МТФ дар варианти коркарди тухмӣ пеш аз кишт бо Препарати-2 нисбат ба варианти назоратӣ мутаносибан 18.0%

ва 6.0% камтар буда, МТФ дар вариантҳои дигари таҳқиқотӣ аз варианти назоратӣ ба ҳисоби миёна 4.0 % зиёд буд.

Ошкор карда шуд, ки истифодаи танзимкунандагони рушди растанӣ ба нишондиҳандаҳои морфологӣ ва биологии навъҳои соя таъсири мусбат расонида, баландии поя, пайдошавии навдаҳои паҳлӯӣ, миқдори кӯсак ва миқдори донро дар як растанӣ зиёд намуд.

Танзимкунандагони рушди растанӣ ба ташаккулёбии унсурҳои сохтори ҳосил таъсири мусбат расонида, махсусан миқдори кӯсак ва вазни донро нисбат ба варианти назоратӣ зиёд карданд. Натиҷаҳои беҳтарин бештар ҳангоми истифодаи консентратсияҳои 0.01 ва 0.001 % ба қайд гирифта шуданд.

Муаллифи рисола нишон дод, ки аломати миқдори дон дар як кӯсак нисбатан устувор буда, асосан аз хусусиятҳои генетикии навъ вобастагӣ дорад. Бо вуҷуди ин, дар сояи навъи ватании Орзу истифодаи препарати $CuC_2H_{11}N_5S_2O_5$ дар консентратсияҳои 0.01 ва 0.001 % боиси зиёд гардидани миқдори дон дар як кӯсак гардид.

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон дод, ки истифодаи танзимкунандагони рушди растанӣ сифати дони сояро низ беҳтар намуда, баромади сафеда ва равғанро аз як гектар зиёд менамояд. Самаранокии бештар дар аксари ҳолатҳо ҳангоми истифодаи Препарати-2 ба қайд гирифта шуд.

Дар маҷмӯъ, аз рӯйи автореферат, чунин хулоса намудан мумкин аст, ки аз рӯи аҳаммияти мавзӯъ, натиҷаҳои кори диссертатсионӣ ба талаботи диссертатсияҳо мувофиқат менамояд ва муаллифи он Усмониён Нигина Солиҳ ба додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060712 «Физиология ва биохимияи растаниҳо» сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Номзади илмҳои биологӣ, ходими калони илмии
Озмоишгоҳи биологияи молекулавӣ ва
биотехнологияи растаниҳои Институти ботаника,
физиология ва генетикаи растании
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ____________ Диловарова Н.С.

Суроғаи муассиса: 734012 , Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи М.Мастонгулов, бинои 30, хонаи 10
Тел.: (+992-37) 907- 42-16-06
E-mail: nigin.sima@mail.ru

Имзои Диловарова Нигина Сифатшоевнаро тасдиқ менамоям:

Нозири калони Шуъбаи кадрҳои Институти
ботаника, физиология ва генетикаи растании АМИТ ____________ Умарова Н.С.

Суроға: 734017, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Карамов, бинои 27
Тел.: (+992 372) 224-71-88, 225-80-83
E-mail: ibfgr@bk.ru
«08» ____05____ соли 2026